**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав вобаста ба қабули диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Комил дар мавзуи «Нақши робитаи байнифаннии технологияи иттилоотӣ (информатика) дар рушди маълумотнокии математикии хонандагони синфҳои болоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ).**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Абдуллозода Э.К. дар мавзуи «Нақши робитаи байнифаннии технологияи иттилоотӣ (информатика) дар рушди маълумотнокии математикии хонандагони синфҳои болоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ) аз 9- уми августи соли 2025 суратмаҷлиси №3 дар ҳайати се нафар интихоб карда шуданд:

**1. Файзализода Баҳрулло Файзалӣ -** узви шуро, доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ) – раиси комиссия;

**2. Шерматов Дустназар Саидович** – узви шуро, доктори илмҳои физика-математик аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ) – аъзои комиссия;

**3. Ибрагимов Одилжон Комилжонович –** номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти касбӣ) – аъзои комиссия.

Комиссия, пас аз омӯзиши амиқи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Э.К., онро ҳамчун як кори мустақилонаи илмӣ – тахассусии баитмомрасонида баҳо дода, зикр менамояд, ки ин таҳқиқот дар сатҳи баланди илмӣ анҷом ёфта, ба татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти рушду густариши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, боло

бурдани сатҳи фарҳанги техникӣ ва таҳкими заминаҳои рақамикунонии низоми таълимӣ мутобиқ мебошад.

Воқеан, рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бархурди талаботи замон аст. Ин иқдом омӯзгоронро водор менамояд, ки бештар таваҷҷуҳи худро нисбат ба омӯзиш ва рушди фанҳои дақиқ равона созанд. Омӯхтани фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ, ҷиҳати расидан ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат, ки иҷрои ин ҳадаф албатта мутахассиси варзида ва ҷавобгӯи талаботи муосирро тақозо мекунад, амри зарурӣ мебошад.

Эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» низ ба омӯзгорону мутахассисони соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ илҳоми тоза бахшид.

Технологияи иттилоотӣ (информатика) ва математика ҳамчун фанни бо ҳам тавъам ва алоқанди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб рафта, дар замони муосир ҳалли масъалаҳои математикӣ тавассути технологияи иттилоотӣ бараъло эҳсос мегардад. Фанҳои мазкур дар ташаккул ва инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон ва рушди зеҳни онҳо нақши муҳим мебозанд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки робитаи байнифаннии математика бо дигар фанҳо аз ҷумла бо технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим ҷиҳати азхудкунии маводи таълимӣ аҳамияти калон дошта, мусоид мебошад.

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин, ки таҳқиқоти мазкур ба барномаҳо ва ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мувофиқ буда, барои мутобиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ ва таҷрибавӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси **6D011101 – назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ)** мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба **шиносномаи ихтисоси** 6D011101 – назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҷурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 30 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 2 адад дастури методӣ, 9 адад мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда ва 19 мақола дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва байналмилалӣ ба нашр расида мебошанд.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи унвонҷӯ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки **талаботи банди 35-и** Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба **нашри натиҷаҳои диссертатсия** риоя гардидааст.

**Ҳадафи таҳқиқот** аз таҳияи методикаи таъмини робитаи байнифаннии технологияи иттилоотӣ (информатика) дар рушди маълумотнокии математикии хонандагони синфҳои болоӣ мебошад, ки истифодаи технологияи компютерӣ ба рушди маълумотнокии хонандагони синфҳои болоӣ таъсир ва мусоидат менамояд, иборат мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар таъмин намудани истифодаи методҳои таълими фанни технологияи иттилоотӣ (информатика) дар назария ва амалияи омӯзиши фани математика ва қисмҳои он, ҳамчунин беҳтар намудани рушди дониши математикии хонандагони синфҳои болоӣ зоҳир мегардад.

Дар диссертатсия нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки ҳамчун навовариҳои илмӣ дар соҳаи методикаи таълими технологияҳои иттилоотӣ арзёбӣ мегарданд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии илми педагогика ва робитаи байнифаннии технологияи иттилоотӣ (информатика) дар рушди маълумотнокии математикии хонандагони синфҳои болоӣ бахшида, ба рушди таълими технологияи рақамӣ, ки зарурати он дар ҷумҳурӣ баръало эҳсос мешавад, саҳми муассир мегузоранд.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои докторант асоснок буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Комил дар мавзуи «Нақши робитаи байнифаннии технологияи иттилоотӣ (информатика) дар рушди маълумотнокии математикии хонандагони синфҳои болоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ) кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи

таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Комилро дар мавзуи «Нақши робитаи байнифаннии технологияи иттилоотӣ (информатика) дар рушди маълумотнокии математикии хонандагони синфҳои болоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ) таҳлил ва муҳокима намуда, дар асоси бандҳои 57 – 60-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267)

**ҚАРОР МЕНАМОЯД:**

1. Диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Комил дар мавзуи «Нақши робитаи байнифаннии технологияи иттилоотӣ (информатика) дар рушди маълумотнокии математикии хонандагони синфҳои болоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ) мутобиқ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) омода гардида, ба самти шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 мувофиқ мебошад ва дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи якдафъаинаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия фарогири бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика, ҷавобгӯи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.01 – Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ) мебошад.

3. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсия муҳаққиқони зерини соҳа таъин карда шаванд: **Назаров Аҳтам Пулотович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Қурбонова Умеда Талабовна** - номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

4. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** муайян карда шавад.

5. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру паҳнкунии автореферат, гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Файзализода Б.Ф.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои физика-математика,
профессор — Шерматов Д.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ — Ибрагимов О.К.

*Имзоҳои д.и.п., профессор Файзализода Б.Ф., д.и.ф-м., профессор Шерматов Д.С.. ва н.и.п. Ибрагимов О.К.- ро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав — Исозода Т.И.